«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.

_______________

«___» __________ соли 2022.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд –ДМТ ) гузаронидашуда, баъди анҷомёбӣ дар ҳамин кафедра якчанд маротиба муҳокимашуда ва ба ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 –и назди ДМТ тавсия карда шудааст.

Мирзозода Парвон Зайналобудин соли 2002 шӯъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ хатм намуда, соли 2012 дар мавзӯи «Ҷавобгарии ғайришартномавии давлат аз рӯи зараре, ки ба соҳибкор расонидааст», диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дифоъ намуда, ҳоло соҳиби унвони илмии дотсент ва мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Мушовири илмӣ Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон мебошад.

**Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид.** Баъди истиқлолияти давлатӣ дар соҳаҳои бамеъёрдарории техникӣ, стандартонӣ ва баҳодиҳии мутобиқат дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд

омаданд. Масъалаҳои худидоракунии сифат, ҷудо намудани аккредитатсияи озмоишгоҳҳои санҷиши сифати мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, бастани шартномаҳои гуногуни баҳодиҳии мутобиқат, ҷорӣ намудани сертификатсияи ихтиёрӣ, ба вуҷуд омадани хизматрасониҳои муздноки баҳодиҳии мутобиқат, мутобиқгардонии иқтисоди миллӣ бинобар аз узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ва дигар масъалаҳои ҳалталаби илмию амалӣ ба вуҷуд омаданд. Чунин ҳолат дар назди илми ҳуқуқи граждании масъалаҳои нав гузошт. Бинобар ин, эҷоди диссертатсияи докторӣ дар мавзӯи масъалаҳои ҳуқуқии сифати мол, кору хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ ) иқдоми саривақтӣ ва самаранок мебошад.

Дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2017, вобаста ба масъалаи мазкур қайд намуданд, теъдоди зиёди бозичаҳои гуногуни воридшуда ба талаботи сифатнокӣ мутобиқ нестанд. Дар Паёми соли 2018 бошад, доир ба масъалаҳои пастсифат будани маводи доруворӣ ва сатҳи пасти хизматрасонии тиббӣ изҳори нигаронӣ карда буданд.

Дар зербоби 5. 1 боби 5 Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 мушкилоти таъмини сифати мол (кору хизмат) дарҷ гардидааст. Аз ҷумла дар бахши воқеӣ яке аз мушкилоти махсус дар соҳаи саноат сифати пасти маҳсулот, ки сатҳи номусоиди рақобатпазирии онро пешакӣ муайян мекунад, номбар гардидааст.

**Мақсади таҳқиқоти** мазкур ба даст овардан ва татбиқ намудани дониши нав дар танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат, асосноккунии илмию амалии пешниҳодҳо баҳри бартараф намудани норасоӣ дар қонунгузории миллӣ, инчунин ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас бо истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** аз таҳлилу хулосабарорӣ оид ба масъалаҳои зерин мебошад: тавсифи умумии хосиятҳои мол, кор ва хизмат ҳамчун объектҳои муҳими танзими ҳуқуқи граждании; муайян намудани моҳияти истилоҳи сифати мол, кор ва хизмат; таҳқиқи кафолатҳои сифати мол, кор ва хизмат; таҳлили тарзҳои алоҳидаи таъмини сифати мол, кор ва хизмат; муайян намудани робитаи танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат бо танзими ҳуқуқи граждании; омӯзиши тарзҳои шартномавии танзими сифати мол, кор ва хизмат; таҳқиқи табиати ҳуқуқии стандартонӣ, аккредитатсия, аудити сифати мол ва дигар тарзҳои танзими техникӣ; таҳлили

воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба сифати мол, кор ва хизмат; муайян намудани асос ва шартҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани талаботи ҳатмӣ оид ба сифати мол, кор ва хизмат; таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар соҳаи танзими сифати мол, кор ва хизмат.

**Объекти таҳқиқоти** мазкур муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат тибқи қонунгузории ҶТ ба вуҷуд меоянд ва фактҳои ҳуқуқие, ки асосӣ ба вуҷуд омадани онҳо мегарданд, мебошанд.

**Мавзӯи таҳқиқоти** зикршуда меъёрҳои қонунгузории ҶТ оид ба танзими сифати мол, кор ва хизмат, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамои дар ин соҳа, инчунин доктринаи илмӣ – назариявӣ вобаста ба ин мавзӯъ мебошанд. Илова бар он, захираҳои иттилоотии Суди аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, Суди Олии Россия, маводҳои бойгониҳои баъзе судҳои ҶТ, натиҷаҳои мушоҳидаҳои омори давлатӣ ва натиҷаҳои баъзе муҳокимаҳо дар Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии ҶТ истифода шудаанд.

**Давраи таҳқиқот** аз соли 2012 то соли 2022 буда, аз 3 марҳилаи мантиқан алоқаманд иборат аст.

Дар марҳилаи аввал (солҳои 2012 – 2016) омӯзиши таърихи танзими ҳуқуқии сифати мол, кор ва хизмат, муайян намудани асосҳои методологии таҳқиқот ва банақшагирии он гузаронида шуд. Мавзӯъ, вазифаҳо, объект, мутобиқати мавзӯи интихобнамуда ва мундариҷаи он ба шиносномаи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муайян гардид. Манбаҳои илмию иттилоотии истифодашаванда ба низом дароварда шуд, инчунин робитаи таҳқиқот бо нақшаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ анҷом дода шуд. Номи мавзӯи интихобшуда, мундариҷаи он ва асоснокунии доктриналии он муаррифӣ гардид. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти илмӣ кушода шуд. Дар натиҷаи омӯзиши дараҷаи таҳқиқи он, зарурияти тасдиқ ва ба нақшаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ асоснок карда шуд. Дар натиҷаи корҳои анҷомёфта, мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони донишгоҳ тасдиқшуда ва ба нақшаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ворид карда шуд.

Дар марҳилаи дуюм (солҳои 2017 – 2021) мазмуни диссертатсияи мазкур пурра таҳия гардид. Дар он тавсифи хосиятҳои мол, кор ва хизмат, низоми тарзҳои баҳодиҳии мутобиқати онҳо, тарзҳои

шартномавӣ ва ташкилӣ - техникии хизмати баҳодиҳии мутобиқат, мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои СУС, ислоҳоти низоми аккредитатсияи иштирокдорони танзими техникӣ, стандартонӣ, таснифоти сертификатсияи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, эътирофи сифати мол ҳамчун яке аз шартҳои муҳими шартномаи ҳуқуқи граждани, таносуби фармоиши давлатӣ ва шартномаи мазкур, нақши ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таъмини сифати мол, кор ва хизмат таҷдиди назар шуданд. Пешниҳод ва дигар андешаҳои муҳим оид ба мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуданд. Маводи таҷрибавию амалӣ таҳлил ва ба низом дароварда шуд. Робита бо гуруҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани сифати таълимоти ҳуқуқшиносӣ ва аккредитатсияи аврупоии таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ба роҳ монда шуд. Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ба ғайр аз мақолаҳои илмӣ, монография интишор гардид. Диссертатсия ба муҳокимаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пешниҳод карда шуд.

Дар марҳилаи сеюм (соли 2022) маълумотнома оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда таҳияшуда ба кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пешниҳод карда шуд. Таҳлил, ҷамъбандӣ, ба низом даровардан ва шарҳу тавзеҳи натиҷаҳои ҳосилшуда анҷом дода шуд. Хулосаҳо аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот мураттаб гардида, сохтору муҳтавои таҳқиқот ба тартиб даромад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба расмият дароварда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** паёмҳои Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ ва асарҳои олимони маъруф мебошанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур маҷмӯи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ: диалектикӣ, расмӣ – мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ ва усулҳои оморӣ истифода шудаанд. Дар маҷмӯъ, истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав оид ба мавзӯи таҳқиқот ва ба даст овардани дигар натиҷаи устувори илмӣ мусоидат намуд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти** мазкур амалияи судӣ, назорати прокурорӣ, таҳлили ҳуқуқтатбиқкунӣ, натиҷаи муҳокимаи парлумонӣ, маълумотҳои ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва маълумотҳои оморӣ ба ҳисоб меравaнд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳуқуқи гражданӣ нахустин маротиба пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои назария ва амалияи танзими сифати мол, кору хизмат дар танзими ҳуқуқи гражданӣ таҷдиди назар шудааст.

Натиҷаҳои илмии дар кор бадастомада фаҳмиши назариявиро дар соҳаи мазкур васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба проблемаҳои ҳуқуқии сифати мол, кору хизмат алоқамандро ҳал карда шаванд. Чунин меҳисобем, ки татбиқи назариявӣ ва амалии донишҳои пайдошуда ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи граждании ба сифати мол, кору хизмат иртиботдошта, таъсири мусбӣ мерасонанд.

**Муайян гардид**, ки нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ асоснок ва боэътимод мебошанд. Онҳо донишафзун буда ва дар амалия татбиқшаванда мебошанд.

Диссертатсия ва сохтори он пурра ба шиносномаи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва талаботҳои таҳияи он, мувофиқат мекунад.

Дар матни диссертатсия пайдарҳамии андеша, асоснокунии мавқеъ ва эҳтиромона баён намудани андешаи мухолиф ё радкунанда ба назар мерасад, инчунин талаботҳои қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, талаботҳои баёни иқтибос ва одоби илмӣ риоя шудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи илмиаш муаллифи 49 асари илмӣ ва таълимӣ буда, ба теъдоди асарҳои калонҳаҷм 2 монография, 5 китоби дарсӣ, 1 васоити таълимӣ ва 2 тафсири илмию амалии қонунҳои соҳавӣ ворид намудан мумкин аст. Вай муаллифи 27 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва дигар мақолаҳо буда, ҳаҷми умумии асарҳои ӯ зиёда аз 100 ҷузъи чопӣ мебошанд. Асарҳои интишоршуда пурра мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд. Ин асарҳо чунин мебошанд:

**а) Монографияҳо:**

1. Мирзоев, П.З. Внедоговорная ответственность государства за вред, причиняемый предпринимателям: монография. [Текст] / П. З. Мирзоев. – Душанбе: “ЭР – граф,” 2013.– 168с. (10,5 п. л.).
2. Мирзозода, П. З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ: монография.[Матн] / П. З. Мирзозода. – Душанбе: «ЭР – граф», 2021. – 412с. (25,75 ҷ. ч.).

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

3. Мирзоев, П. З. Место внедоговорной ответственности государства за ущерб, причиняемый предпринимателям, в системе гражданско-правовой ответственности [Текст] / П. З. Мирзоев //Вестник

Таджикского национального университета.- Душанбе, 2011.- №9 (73).- С. 218-221. (0,19 п. л.).

4 . Мирзоев, П. З. Вина, как условие внедоговорной ответственности государства за ущерб, причиняемый предпринимателям [Текст] / П. З. Мирзоев //Вестник Таджикского национального университета.- Душанбе, 2011. -№10(74).- С. 285-291. (0,37п. л.).

5. Мирзоев, П. З. Внедоговорная ответственность государства за ущерб, причиненный предпринимателям по законодательству некоторых стран дальнего зарубежья [Текст] / П. З. Мирзоев //Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет).- Душанбе, 2011.- № 35.- С. 28-36. (0, 5 п. л.).

6. Мирзоев, П. З. К вопросу о понятие категории качества товаров, работ и услуг [Текст] / П. З. Мирзоев // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2013.- № 6-2 (55).- С. 208-215. (0, 4 п. л.).

7. Мирзоев, П.З. К вопросу о гарантии качества товаров, работ и услуг [Текст] / П. З. Мирзоев // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2014.- № 6 (61).- С. 86-91. (0, 31 п. л.).

8. Мирзоев, П. З. К вопросу об обеспечении качества товара, работ и услуг в Республике Таджикистан [Текст] / П. З. Мирзоев // Образование. Наука. Научные кадры. - 2015.- №6.- С. 61-63. (0, 1 п. л.).

9. Мирзоев, П. З. К вопросу о понятии категории безопасности товаров, работ и услуг [Текст] / П. З. Мирзоев // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2015.- № 1-1 (62).- С. 113-118. (0, 3 п. л.).

10. Мирзоев, П. З. К вопросу о гражданско-правовом договоре как способа обеспечения качества товаров, работ и услуг [Текст] / П. З. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета.- Душанбе, 2015.- № 3-12.- С. 154-157. (0, 1 п. л.).

11. Мирзоев, П. З. К вопросу о гражданско-правовых способах обеспечения качества товаров, работ и услуг [Текст] / П. З. Мирзоев //Вестник Таджикского национального университета.-Душанбе, 2015.- Т. 2.- № 3-11.- С. 72-75.(0, 1 п. л.).

12. Мирзоев, П. З. К вопросу о защите прав потребителей при продаже товаров ненадлежащего качества [Текст] / П. З. Мирзоев // Государственная служба и кадры.- 2015.- № 4.- С. 60 - 62. (0, 1 п. л.).

13. Мирзоев, П. З. Некоторые аспекты обязательства по возмещению вреда, причиненного недостатками товаров (работ, услуг) [Текст] / П. З. Мирзоев // Закон и право.- 2016.- № 1.- С. 75-77. (0, 1 п. л.).

14. Мирзоев, П. З. К вопросу о государственном регулировании банковской деятельности в Республике Таджикистан [Текст] / П. З.

Мирзоев // Правовая жизнь.- Душанбе, 2016.- № 4 (16).- С. 154 -162. (0, 5 п. л.).

15. Мирзоев, П. З. Некоторые аспекты обязательства по возмещению вреда, причиненного ненадлежащим качеством товаров, работ, услуг [Текст] / П. З. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук.- Душанбе, 2017.- № 2/7.- С. 203-205. (0, 1 п. л.).

16. Мирзоев, П.З. Недостатки товаров, работ и услуг как причина обязательств по возмещению вреда [Текст] / П. З. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2017.- № 2/8.- С. 196-199. (0, 1 п. л.).

17. Мирзозода, П. З. Сифати мол, кор ва хизматрасонӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ [Матн] / П. З. Мирзозода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-Душанбе, 2018.- №11.- С.228-231. (0, 1 ҷ. ч.).

18. Мирзозода, П.З. Воситаҳои ҳуқуқи граждании таъмини сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П. З. Мирзозода. // Ҳаёти ҳуқуқӣ.-Душанбе, 2018, №4 (24).- С.239-246. (0, 4 ҷ. ч.).

19. Мирзозода, П.З. Юридическая характеристика качества товара, работ услуг в Таджикистане [Текст] / П. З. Мирзозода // Правовая жизнь.- Душанбе, 2018.- №3 (23).- С.165-181. (1 п. л.).

20. Мирзозода, П. З. Қонунгузории танзимкунандаи сифати мол, кор ва хизматрасонӣ [Матн] / П. З. Мирзозода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе, 2019.- №1.- С.192-196. (0, 2 ҷ. ч.).

21. Мирзозода, П. З. Қонунгузории танзимкунандаи бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ [Матн] / П. З. Мирзозода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе, 2019.- №4.- С.181-186. (0, 3 ҷ. ч.).

22. Мирзозода, П.З. Бехатарии мол, кор ва хизмат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ [Матн] / П. З. Мирзозода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе, 2019.- №5. -Қисми I.- С.241-247. (0, 3 ҷ. ч.).

23. Мирзозода, П.З. Сифати мол, кор ва хизмат чун унсури таркибии фаъолияти соҳибкорӣ. [Матн] / П. З. Мирзозода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019- №8- С. 232-235. (0, 1 ҷ. ч.).

24. Мирзозода, П.З. Таъмини бехатарии мол, кор ва хизмат дар фаъолияти соҳибкорӣ. [Матн] / П. З. Мирзозода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019- №9- С. 236-242. (0, 3 ҷ. ч.).

25. Мирзозода, П.З. Таҳияи Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешқадами ҷаҳон. [Матн] / П. З. Мирзозода. // Ҳаёти ҳуқуқӣ.- Душанбе, 2020.- № 1 (29).- С.244 - 253.- Дар ҳаммуаллифӣ.- (0, 6 ҷ. ч.).

26. Мирзозода, П. З. Моҳияти сифати мол, кор ва хизмат дар танзими ҳуқуқи гражданӣ. [Матн] / П. З. Мирзозода. // Ҳаёти ҳуқуқӣ.- Душанбе, 2021.- № 2 (34).- С.93-108. (0, 9 ҷ. ч.).

27. Ғаюрзода, Ш. К., Мирзозода, П. З. Аломатҳои сифат дар муомилоти гражданӣ. [Матн] / Ш. К. Ғаюрзода., П. З. Мирзозода. // Ҳаёти ҳуқуқӣ.- Душанбе, 2022.- № 2 (38).- С.64-70. (0, 3 ҷ. ч.).

**в) Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

28. Мирзоев, П. З. Компенсация неимущественного вреда, как форма реализации внедоговорной ответственности государства за вред, причиненный предпринимателям [Текст] / П. З. Мирзоев // Правовая жизнь.- Душанбе, 2013.- №3.- С.116-126. (0, 6 п. л.).

29. Мирзоев, П. З. Правовые основы инновации и качество товара (работ, услуг) как фактор конкурентоспособности субъектов предпринимательской деятельности [Текст] / П. З. Мирзоев // Проблемы правового регулирования инновации в предпринимательской деятельности (Матер. межд. научно-практ. конф. от 10 июня 2014 г.) // Под ред. канд. юрид. наук, доц. Насурдинова Э.С., Сангинова Д.Ш., Бобокалонова Г.М.- Душанбе: Типография ТНУ.- 2014.- С.131-135. (0, 2 п. л.).

30. Мирзоев, П. З. К вопросу о свойствах товара, работы и услуги как показателей качества объектов правового регулирования [Текст] / П. З. Мирзоев // Проблемы правового регулирования инновации в предпринимательской деятельности (Матер. межд. научно-практ. конф. от 10 июня 2014 г.) // Под ред. канд. юрид. наук, доц. Насурдинова Э.С., Сангинова Д.Ш., Бобокалонова Г. М. - Душанбе: Типография ТНУ.- 2014.- С.298-309. (0, 7 п. л.).

31. Мирзоев, П. З. Нормативно-правовая основа внедо-говорной ответсвености государства за вред причененый предпри-нимателям [Текст] / П. З. Мирзоев // Проблемы развития предпри-нимательства в Республике Таджикистан: теория и практика //Матер. респ. научно-теорет. семинара, посв. 50-летию доц. кафедры предпри-нимательского и коммерческого права юрид. ф.- та ТНУ Бобокалонова Г.М. – Душанбе, ТНУ, 2014.- С.124-143. (1, 19 п. л.).

32. Мирзоев, П. З. К вопросу о применении и использовании технических регламентов и стандартов как способ обеспечение качества товаров, работ и услуг [Текст] / П. З. Мирзоев // «Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (маводҳои конф. ҷумҳ. илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 22 – юми октябри соли 2015).- Душанбе: «Империал-Групп», 2015.- С.138-151. (0, 8 п. л.).

33. Мирзоев, П. З. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории соҳибкорӣ [Матн] / П. З. Мирзоев. // Нақши Конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2016.- С. 87-90. (0, 2 ҷ. ч.).

34. Мирзоев, П. З. Ҷавобгарии ғайришартномавии граждани-ҳуқуқии давлат барои зарари ба соҳибкорон расонида [Матн] / П. З. Мирзоев. // Назария ва амалияи танзими умумӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ ва меҳнат.- Душанбе, 2016.- С. 52-55. (0, 2 ҷ. ч.).

35. Мирзоев, П. З. Правовая характеристика качества товара, работ и услуг [Матн] / П. З. Мирзоев. // Матер. межд. научно-практ. конф. на тему: «Роль Президента Республика Таджикистан, Основателя мира и национального единства - Лидера нации Эмомали Раҳмона в укреплении национального единства».- Душанбе, 2016.- С. 61-68. (0, 4 ҷ. ч.).

36. Мирзоев, П. З. Мушкилоти татбиқи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматрасонӣ // Мавод. конф. ҷумҳ. илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ», бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.//Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дот. Сангинов Д. Ш. – Душанбе, 2017. – С. 61 – 69. (0, 5 ҷ. ч.).

37. Мирзоев, П. З. Мафҳуми ҳуқуқии категорияи сифати мол, кор ва хизмат [Матн] / П. З. Мирзоев. // Маводи конф. байн. илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18 – уми майи соли 2018). // Зери таҳрири номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дот. Раҳмон Д. С. ва Сангинов Д. Ш. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2018. – С. 251 – 257. (0, 4 ҷ. ч.).

38. Мирзозода, П. З. Шартнома ҳамчун тарзи гражданӣ-ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат [Матн] / П. З. Мирзозода // Маводи конф. ҷумҳ. илмию назар. ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба

«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». -Душанбе, 2019. - Ҷилди II.- С.131-132. (0, 06 ҷ. ч.).

39. Мирзозода, П. З. Чораҳои ҳимоя ва ҷавобгарӣ дар таъмини сифати мол, кор ва хизмат [Матн] / П. З. Мирзозода // Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи граждании дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маводи конф. ҷумҳ. илмию амалӣ аз 8 – уми июни соли 2019 // Зери таҳрири Ғаюров Ш. К. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. – Душанбе: «ЭР - граф», 2019.- С.107-122. (0, 9 ҷ. ч.).

40. Мирзозода, П. З. Низомномаи техникӣ ва стандартҳо ҳамчун тарзҳои таъмини сифати мол, кор ва хизмат [Матн] / П. З. Мирзозода // Маводи конф. байн. илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ», бахшида ба «25 – солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70 – солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д. С. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2019. – С. 315 – 319. (0, 2 ҷ. ч.).

41. Мирзозода, П. З. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ / Мавод. конф. ҷумҳ. илмӣ – амалӣ (8- уми октябри соли 2020.). // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Сангинов Д. Ш. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – С. 24 – 33. (0, 6 ҷ. ч.).

42. Мирзозода, П. З. Танзими техникии сифати мол, кор ва хизмат // Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Тоҷикистони соҳибихтиёр / Мавод. конф. ҷумҳ. илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» (7 – уми октябри соли 2021) // Зери таҳрири докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Раҳимзода М. З., Сангинов Д. Ш. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2021. – С. 87 – 105. (1, 1 ҷ. ч.).

**г) Тафсир, китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ:**

43. Мирзоев, П. З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Зери назари номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дот. Сангинов Д.Ш. ва Шонасридинов Н.Ш. [Матн] / П. З. Мирзоев. – Душанбе: «Сино», 2012.- 170 с.- Дар ҳаммуаллифӣ. (10,62 ҷ. ч.).

44. Мирзоев, П. З. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» // Зери таҳрири номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сангинов Д.Ш. [Матн] / П. З. Мирзоев. - Душанбе: «ЭР-граф», 2013. - 200 с. - Дар ҳаммуаллифӣ. (12,5 ч. ч.).

45. Мирзоев, П. З. §1«Маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқи моликияти хусусӣ» боби 18 «Ҳуқуқи моликияти хусусӣ» – С. 226 – 227; §1 « Маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқи моликияти давлатӣ» боби 19 «Ҳуқуқи моликияти давлатӣ». – С. 231 – 233; боби 21 «Ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ».- С. 240 – 249.- Дар ҳаммуаллифӣ. (0,7 ч. ч.). // Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013.

46. Мирзоев, П. З. Боби 25 «Озмуни оммавӣ». – С.350 – 358. Дар ҳаммуаллифӣ; Боби 29 «Уҳдадориҳо дар натиҷаи дорошавии беасос».- С. 376 – 380. (0,7 ч. ч.). // Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014.

47. Мирзоев, П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмӯи лексия ва масъалаҳои амалӣ. Воситаи таълимӣ. [Матн] / П. З. Мирзоев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014.-312с. (19,5 ч. ч.).

48. Мирзоев, П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ [Матн] / П. З. Мирзоев. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 600 с.- Дар ҳаммуаллифӣ. (37,5 ч. ч.).

49. Мирзозода, П. З. §1«Маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқи моликияти хусусӣ» боби 18 «Ҳуқуқи моликияти хусусӣ» – С. 336 – 338; §1 « Маълумоти умумӣ оид ба ҳуқуқи моликияти давлатӣ» боби 19 «Ҳуқуқи моликияти давлатӣ». – С. 344 – 347; боби 21 «Ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ».- С. 356 – 370.- Дар ҳаммуаллифӣ. (1,2 ч. ч.). // Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Парвон Зайналобудин дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои

бандҳои 31 – 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси интихобшуда мебошад.

2. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул карда шуд. Дар он иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -21 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Суратмаҷлиси кафедра аз 31 – уми августи соли 2022, таҳти № 1.

Раиси ҷаласа доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ: Сангинзод Д. Ш.

Котиби ҷаласа лаборанти кафедра: Маҷидова Р.С.

Имзои Сангинзод Д. Ш. ва Маҷидова Р.С. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ: Тавқиев Э. Ш.

31 08 2022